# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Бобоева Зарнигор Тоҳировна** дар мавзуи **“Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Диссертатсияи унвонҷӯй Бобоева Зарнигор Тоҳировна ба самти муҳим ва муосири методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки таълими ҳаёт ва эҷодиёти ин суханвари олитабиат, мутафаккири оламшумул – Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз масоили муҳими илми таълиму тарбия ба шумор меравад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ на танҳо дар таърихи адабиёти тоҷик, балки дар тамаддуни башарӣ ҳамчун донишманди комилу тавоно, шоир ва нависандаи нодирбаён, шахсият ва мутафаккири башардӯст шинохта шудааст. Осораш асрҳо барҳаёт аст ва чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд, “Бузургии Мавлоно Ҷомист, ки пас аз гузаштани шашсад сол офаридаҳои ӯ моҳияти худро на танҳо гум накардаанд, балки чун марҳам то имрӯз дардҳои маънавии халқҳову миллатҳои дунёро дармон мебахшанд”.

Муҳаққиқи диссертатсия Бобоева З.Т. гузориши масъалаи мубрами илмиро аз нигоҳи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар партави муносибати босалоҳият роҳандозӣ намуда, муваффақ шудааст, ки роҳҳои амалӣ намудани равандҳои МБ дар таълими фанни адабиёти тоҷик, дар мисоли зиндагинома ва осори баргузидаи ин алломаи шинохтаи арсаи маърифат ва маънавият мушаххас ва ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

Муаллифи диссертатсия бо дарназардошти асосҳои методологӣ-бунёдӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз ҳарфи нахуст то нуқтаи охир фаъолияти хонандагону омӯзгорони МТМУ ҳангоми таълими адабиёти тоҷик вобаста дар партави МБТ ва пайгирии равандҳои асосии он ҳам ҳини дарс ва ҳам берун аз дарс, айни чорабиниҳои тарбиявӣ, корҳои гурӯҳӣ ва инфиродии хонандагон (аз зумраи лоиҳаю презентатсияҳо, сенарияҳо, луғатсозӣ, маърузаву гузоришҳо, эссеву иншо ва ғ.) дар заминаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар маркази диққати унвонҷӯй қарор ёфтааст.

Муаллиф дар диссертатсия татбиқи МБ-ро дар таълими адабиёти тоҷик дар самти иҷрои Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ дар давраи то соли 2030, ки дар он амалӣ намудани МБ ҳадафи асосӣ маҳсуб меёбад, ҳамчун ҳадафи асосӣ пайгирӣ кардааст. Зиёда аз ин, ғояи асосӣ ва консепсияи МБ-ро дар илми педагогикаи ватанӣ аз нигоҳи равишҳо - тенденсияҳои педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва адабиётшиносӣ таҳлил ва аниқтар намуда, мафҳумҳои то имрӯз мушаххаси “таълим”, “методика”, “салоҳият”, “муносибати босалоҳият”, “фаъолияти когнитивӣ”, “барномаҳои эллективӣ ва вариативӣ”, “қобилияти эҷодӣ”, “технологияи таълим”, “усулҳои интерактивӣ” ва амсоли онро, ки илми таълиму тадрис ба онҳо такя мекунад, мушаххастар, амиқтар ва саҳеҳу равшан кардааст.

Боиси зикр аст, ки диссертатсия дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохторию оморӣ таҳия гардида, дар раванди таҳқиқ истифодаи технологияҳои муосири таълим, минҷумла, усули интерактивӣ дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар робита бо рушди салоҳиятҳои хонандагон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар диссертатсияи унвонҷӯй Бобоева З.Т. се самти муҳимми таҳқиқот дар пайвастагии мантиқӣ бо тамоми ҷузъиёт, ҳадафҳои ниҳоӣ ва консепсияи методӣ ба миён гузошта шуда, ҳаллу фасли худро пайдо кардааст. Аз ҷумла:

1. Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълим.

2. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ.
3. Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт.

Зимни таҳқиқи самти аввал диққати унвонҷӯй дар робита бо консепсияи МБ ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ба хотири ташаккули салоҳиятҳои хонандагон равона гардидааст. Аз ҷумла, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт, таълими интерактивӣ, мавқеъ ва мақоми технологияҳои таълим ва ташаккули салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ва ниҳоят ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши таълимӣ, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқ ва рӯйнамо шудаанд, то чи андоза ва дараҷа муҳим ва амалан зарур будани проблемаи гузошташударо равшан кардаанд.

Махсусан андешаҳои муҳаққиқ дар масъалаи тафовути мафҳумҳои «муносибати босалоҳият» ва «низоми таълими салоҳиятнокӣ», ки имрӯзҳо аз ҷониби олимон ва методистон ба тарзи гуногун шарҳу эзоҳ меёбад, диққатҷалбкунанда аст. Унвонҷӯй дар масъалаи он, ки салоҳиятнокӣ моҳиятан низом номида шавад ва ё муносибат, хеле дақиқ ва мантиқан дуруст изҳори назар мекунад.

Муаллиф меафзояд, ки ҳарчанд дар Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ салоҳият ҳамчун низоми нави маориф зикр шудааст, «низоми таълими салоҳиятнокӣ» мафҳуми низоми таҳсилотро фарогир нашудааст ва шакли пайвандии (гибридии) баъзе аз равандҳои таълимро инъикос мекунад. То ҳол ҳам назария ва ҳам амалияи ин падидаи барои омӯзгорони ҷумҳурӣ наву тоза ба таври бояду шояд мушаххас нашудааст. Чунин ҳолат боиси он шуд, ки муҳаққиқон аз истифодаи «низоми таълими салоҳиятнокӣ» беш аз пеш худдорӣ менамоянд.

Аз шиносоӣ бо диссертатсия амиқ мегардад, ки муносибати босалоҳият ба таълим аз низоми таълими салоҳиятнокӣ мантиқан авлотар буда, он хонандаро ҷониби донишҳое раҳнамун месозад, ки дар фаъолияти касбӣ, таҷрибаи рӯзгор ва зиндагӣ мадагор ва муттако

мешаванд. Дар ин росто унвонҷӯй мутмаин аст, ки дониши комил мустақилона ба даст меояд ва нишонаҳои муносибати босалоҳият ба таълим дар самти алоқамандии дониш, маҳорат ва малака таъмин мегардад.

Андешаҳои муаллиф дар ду самти дигар дар робита ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим низ хеле ҷолиб ва асосноканд. Диссертант бо далелҳо, мисолҳо, машқҳо, матнҳо аз эҷодиёти шоири бузург талқин месозад, ки панҷ амали вусъатбахши тавонмандӣ ва ё салоҳиятмандии хонандагон ба таъмини МБ ба таълим мусоидат мекунад: **хонад, донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал тадбиқ намояд.**

Дар боби дуввум ва сеюми диссертатсия сухан аз махсусиятҳои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои 1-4) ва зинаҳои боло меравад. Барои он ки панҷ рукни дар боло зикршуда ба таъмини МБ ба таълими зиндагинома ва осори пурарзиши шоири бузург мусоидат намояд, саволу супоришҳо на танҳо ба донишандӯзии хонандагон роҳ кушоянд, балки бештар дар доираи талаботи МБ ба таълим роҳандозӣ шаванд. Дар ин росто муаллим ҳамчун устоди раҳнамову ёрирасон хонандаро ба ҷустуҷӯ, таҳлил, эҷодкорӣ ва тавоноӣ бояд раҳнамун сохта, кӯшиши хешро ба ҷониби формулаи асосии натиҷаи таълим – “хонанда кадом амалро иҷро карда метавонад?” равона созад.

Дар робита ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ дар партави МБ ба таълим як нуктаи муаллифро махсус қайд кардан мехоҳам. Сухан дар хусуси азёд кардани матнҳои бадеӣ, алалхусус порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти шоир аз синфҳои ибтидоӣ меравад. Нахуст абётеро бояд интихоб карду таълим дод, ки ба синну сол ва ҷаҳонбинии хонандагон мувофиқ бошад, дар ташаккули тафаккури интиқодӣ-таҳлилӣ ва салоҳиятҳои асосӣ мусоидат кунад, дар оянда онҳоро ба кор ояд.

Диссертатсияи Бобоева З.Т. собит месозад, ки бори аввал дар илми педагогикаи тоҷик таълими ҳаёт ва эҷодиёти яке аз саромадони адабиёти

классикии форсӣ-тоҷикӣ Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба талаботи МБТ дар МТМУ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, усулҳои тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо далелҳои илмию методӣ собит шудааст.

Бори нахуст омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор ёфта, норасоӣ ва номутобиқатии барномаву китобҳои дарсӣ дар интихоби осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар робита бо зинаҳои гуногуни таҳсилот (ибтидоӣ, миёна ва болоӣ) ошкор ва бо далелҳои илмӣ собит шуда, намунаҳо аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиёт пешниҳод шудааст. Илова ба ин, методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ нахустин бор тавассути технологияҳои интерактивӣ пешниҳоди омӯзгорону муҳаққиқон гардидааст, ки ҳамчун модули таълимӣ дар таълими рӯзгор ва осори дигар адибон метавонад истифода шавад.

Дар диссертатсия технологияҳои нави таълим, аз ҷумла, усулҳои интерактивии таълим, ки асоси рушди МБ-ро дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ташкил медиҳанд, таҳқиқ гардида, муносибати фарогир ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ин адиби бузург дар вазъи МБТ пешниҳод гардидааст.

Натиҷаҳои озмоиши таълимӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ, ки ба собит намудани фарзияҳои таҳқиқот нигаронида шуда буд, ҷамъбаст гардида, бартарии технологияҳои интерактивии таълим дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва ташаккули салоҳиятҳо зимни таълими ҳар мавзуъ дар муқоиса бо синфҳои озмоишиву контролӣ баён гардида, натиҷаҳо дар шакли омор пешниҳод шудааст.

Таълими ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо диду муносибати нав, бо истифода аз усули ҳамгироӣ дар мавқеъ ва лаҳзаҳои мушаххаси фаъолияти муаллиму хонанда баён шудаанд, ки дар маҷмуъ формати нави таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибро намудор мекунад.

Ашъори баргузидаи шоир бо истифода аз усули шарҳи абёти алоҳидаи маснавӣ ва ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ истифода шудааст, то ки дар ин самт омӯзгорон роҳнамои хубе дар даст дошта бошанд ва дар раванди таълим мавриди истифода қарор диҳанд. Дар диссертатсия бори нахуст методикаи таълими асарҳои ҳаҷман калон, дар мисоли таълими достони "Юсуф ва Зулайхо" ва "Хираднома Искандарӣ", мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлили яклухт аз рӯи образҳои асар пешниҳод шудааст.

Аҳамияти илмиву амалии таҳқиқотро амсилаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст ва барои баланд бардоштани сифати таҳсил мусоидат мекунад, ташкил медиҳад. Пешниҳодоти илмию методии диссертатсия оид ба тарзи самаранок таълим додани ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ моҳияти назарраси илмиву амалӣ пайдо кардааст. Омӯзгорони МТМУ ҳини таълими «Адабиёти тоҷик», устодони коллеҷҳои педагогӣ ва донишкадаву донишгоҳҳои равияи педагогӣ вақти таълими фанҳои "Методикаи таълими адабиёти тоҷик", "Таърихи адабиёти тоҷик" метавонанд аз тавсияҳои диссертатсия васеъ истифода баранд. Инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони забон ва адабиёти тоҷик тавсияҳои илмию методии диссертатсия мавриди омӯзиш ва татбиқи амал шуда метавонад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада аз саҳеҳияти таҳқиқот сарчашма гирифта, дар раванди озмоиш санҷида шуда, тавассути технологияи оморӣ мавриди таҳлили миқдорӣ, сифатӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Дисертатсия ба ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсия дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқот, аз ҷумла, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, санҷиш ва татбиқи натоиҷи озмоишҳову таҷрибаҳо, коркард ва тавзеҳи маълумоти бадастомада

фаъолона иштирок кардааст. Унвонҷӯй намунаи нақшаҳои ташаккули салоҳиятҳоро доир ба ҳар як масъалаи мавзуи мавриди таҳқиқ мураттаб ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида, натиҷаҳоро дар диссертатсия пешниҳод кардааст.

Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ собит месозад, ки осори Ҷомиро метавон дар се зинаи омӯзиши адабиёт дар МТМУ истифода бурд, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат мекунанд.

Бино бар хулосаи муаллиф ҳангоми таълими ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ тибқи талаботи МБТ бояд ашъореро интихоб кард, ки аҳаммияти бузурги тарбиявию эстетикӣ дошта бошад ва дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон  муассир бошад.

Таҳқиқи мавзуъ ва таҷрибаву озмоишҳои унвонҷӯй нишон медиҳад, ки вобаста ба талаботи МБ таълим додани рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ хубтар буда, нисбат ба низоми анъанавӣ самараи беҳтар дода метавонад. Дар раванди МБТ хонанда субъекти фаъоли таълиму омӯзиш қарор ёфта, вазифаи омӯзгор ӯро ба роҳи тавоноӣ ва тавонмандӣ бурдан аст.

Диссертант хулоса мекунад, ки дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, малакаву маҳорат, азхудкунии дониши шогирдон омӯзгор пойдор ва устувор бояд бошад, то онҳо ба салоҳиятҳои пешбинишуда дасти тавоно ёбанд. Омӯзгор бояд саъй намояд, то хонандагон дар баробари иҷрои чаҳор марҳала ба чаҳор  унсури асосии МБТ: донад, тавонад, аз худкунад ва дар амал татбиқ намояд, муяссар гарданд.

Муҳтавои асосии пажӯҳиш дар 15 мақолаи муаллиф инъикос ёфтаанд, аз ҷумла, 9 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 14 фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 206 саҳифаро фаро мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 254 номгӯй иборат мебошад.

Дар қисмати ниҳоии диссертатсия муаллиф тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки низоми таълими анъанавии адабиёт ба талаботи замон ҷавобгӯ нест ва бояд муносибат дар ин росто таҷдиди назар шавад. Пеш аз ҳама, тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ дар давраи то соли 2030 таҳқиқоти зиёди илмӣ ва методӣ ба ин самт равона шаванд, то ки натиҷаҳои дар озмоиш бартариёфта дар стандарт, нақшаву барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ инъикос гарданд.

Тадриҷан гузариш аз консепсияи ДММ (дониш, малака, маҳорат) ба консепсияи МБТ пайравӣ гардад ва меъёри арзёбии дониш ба нишондиҳандаҳои салоҳиятмандӣ иртибот дошта бошад. Дар таълиму тадриси адабиёт усулҳои интерактивии таълим ба рушди салоҳиятҳо нигаронида шавад, то ки хонанда минбаъд дар куҷо ва чӣ тавр истифода бурдани донишҳои ҳосилкардаашро донад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илми методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла, адабиёти тоҷик мебошад.

Хулосаҳои муаллиф оид ба навгонӣ ва аҳамияти амалӣ доштани диссертатсия комилан ҳақ аст. Аз ҷумла, дар дарсҳои адабиёт вобаста ба принсипҳои МБТ ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон замина гузошта мешавад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар саҳифаи 37-и диссертатсия омадааст: “...усулҳои анъанавӣ, ки педагогҳои тоҷик - М. Лутфуллоев, Ф. Шарипов, Ш. Исломов, С. Шербоев ва дигарон тасниф ва тавсиф кардаанд, дар консепсияи онҳо, дар муносибатҳои нав усулҳои меҳварианд. Ҳатто онҳо номи сарлавҳаҳои матнро ҳамчун усули таълим муаррифӣ кардаанд, ки ҷойи андеша аст” (анҷоми иқтибос). Мутаассифона, диссертант асарҳои олимони

номбаршудаи ватаниро мушаххас намекунад. Чунончи, дар кадом асари профессор С. Шербоев сухан оид ба консепсияи таълими адабиёт дар робита ба матн ҳамчун усули таълим меравад, маълумоте оварда нашудааст. Чунин эрод хайрхоҳона буда, ишоратест баҳри дақиққор ва хушкор будан дар давраҳои дигари пажӯҳиш ва таҳқиқот.

2. Дар диссертатсия таҳлили барномаи таълими фанни адабиёти тоҷик аз нигоҳи вазъи МБТ дар заминаи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ дар тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон дар иртибот ба рисолатҳои олии шоир ба мушоҳида нарасид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё ноқисиҳои барномаи фанни адабиёти тоҷик дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатоҳои услубӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд. Чунончи, дар саҳифаи 43 муаллиф чунин мегӯяд: "Дуруст гузоштани задаи калимагӣ аз иштибоҳоти ом аст, ки ҳатто дар нутқи ровиёну омӯзгорон ба назар мерасад".

4. Хатоҳои техникӣ низ дар диссертатсия мавҷуданд. Масалан, танҳо дар як саҳифаи 41 чунин хатоҳо ба чашм мерасанд: "салоҳияти маллим"; "технологияи талим"; "ҳамбастсгӣ" ва монанди он. Инчунин, дар саҳифаҳои 18, 76 хатоҳои техникӣ амсоли "истифада", "хананадагонро" ба чашм мерасад.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи З.Т.Бобоеваро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурииро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи диссертатсия аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо осори бузурги шоири бузурги адабиёти тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ дар партави татбиқи МБТ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобоева Зарнигор Тоҳировна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
умумӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmasi22@gmail.com

Имзои профессор С.Э. Негматов -ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

“22” 04 2024